Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи «Боҳамалоқамандиии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Мафҳумҳои боҳамалоқамандӣ ё интегратсия дар замони муосир хеле маъмул гардида, ин зуҳурот паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтааст. Яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷамъият ин низоми илм ва маориф ба шумор меравад. Тамоюли ҳамгироӣ дар соҳи илм ва мориф дар шароити имрӯза ниҳоят аҳамиятнок гардида, он дар ҳали масъалаҳои тарбияи кадрҳои илмӣ – педагогӣ ва тақвият бахшидани иқтидори илмӣ ва неруи зеҳнии ҳар як давлат нақши калидӣ дорад. Диссертатсияи Ғаюров Лоиқ Шералиевич дар мавзуи **“Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ”** низ ба ҳамин самт нигаронида шуда, он таҳлили амиқи иҷтимоӣ – фалсафӣ ба шумор меравад.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ илм ва маориф механизми асосии инкишофёбии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ба шумор меравад. Ба андешаи диссертант масъалаи асосии илму маорифи муосир омӯзиши ҷаҳон, шаклҳо, намудҳои ҳаракати материя, муносибати инсон ба худ, олам, муайян намудани мавқеи худ дар олам ва дарки ин падида ва тамоюлҳо дар шуур ва зеҳни инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, вобаста ба болоравии нақши маориф дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳо дар замони муосир таъмини муосирсозии низоми идораи ҷомеа ва давлатҳо, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар тамоми кишварҳои рушдёфта мавриди таваҷҷуҳи доираҳои сиёсӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ қарор гирифтааст.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи боҳамалоқамандии илм ва маориф аҳамияти муҳим пайдо намуда, барои таъмини фаъолияти муштараки ин ду соҳа тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Таҳлили вазъи боҳамалоқамандии соҳаи маориф ва илм, инчунин ҳамгироӣ дар самти илм ва истеҳсолот, мувофиқ намудани самтҳои таҳқиқоти илмӣ ба талаботи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ собит месозад, ки масъалаи мазкур дар шароити кунунӣ ба омӯзиш ва таҳқиқи бештар ниёз дорад.

Вобаста ба ин зарурат, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи иҷтимоӣ - фалсафии раванди боҳамалоқамандиии илм ва маорифро дар шароити истиқлолияти давлатӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон муаллиф хеле мубрам нишон дода шудааст.

Мақсади таҳқиқот аз таҳлили илмӣ ва методологии боҳамалоқамандии илм ва маориф, нишон додани накш ва таъсири фаъолияти муштараки маориф ва илм дар таҳким ва рушди ҳаёти моддию маънавии мамлакат, ташаккул ва рушди иқтидори зеҳнии кишвар, истифодаи самараноки натиҷаҳои таҳқиқоти илмии мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ, таҳкими боҳамалоқамандии соҳаи маориф, илм ва истеҳсолот дар шароити истиқлолияти давлатӣ иборат мебошад. Бо дарназардошти андешаҳои баёнгардида, хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионии Ғаюров Лоиқ Шералиевич аҳамияти баланди илмӣ ва назариявӣ дорад.

Ба сифати асосҳои методологии таҳқиқот методҳои умумии маърифати илмӣ-диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-системавӣ, таҳлили функсионалӣ ва синергетикӣ, муқоисавӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Манбаъ ва заминаи амалии таҳқиқотро асарҳои олимон, файласуфон ва коршиносону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ташкил дода, дараҷаи коркарди илмии мавзуъ васеъ ва густурда ба назар мерасад. Объекти таҳқиқотро боҳамалоқамандии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил додааст.

Дар автореферати диссертатсия ҳамоҳангӣ ва мувофиқати комили объект, предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба назар мерасад. Навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муҳтаво ва мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертатсия аз ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия – "**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф**" аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили масъалаҳои ташаккулёбии илм ва маориф ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва боҳамалоқамандии онҳо дар раванди таърих, ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фалсафии таҳқиқи масъалаи боҳамалоқамандии илм ва маориф, боҳамалоқамандии илм ва маориф дар таҷрибаи давлатҳои хориҷа ва ғайра бахшида шудааст.

Боби дуюми диссертатсия – **"Стратегияи баҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо"** ба омӯзиш ва таҳқиқи вазъи боҳамалоқамандии илм ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, ҳамгироии илм ва маориф ҳамчун самти афзалиятноки рушди илми академӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, мушкилот ва дурнамои ҳамгироии илм ва маориф дар низоми миллии инноватсионии Тоҷикистон ва дигар масоили марбут ба самти мазкур бахшида шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Маводи нашрии диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот, ки 7 мақола, аз ҷумла, 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад, ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсияи Ғаюров Л.Ш. дар мавзуи «Боҳамалоқамандии илм ва маориф дар шароити истиқлолияти давлатӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд:

1. Диссертант аз андешаи файласуфони ватанӣ кам истифода намудааст.
2. Дар автореферат баъзан ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои пурра комил гардидани диссертатсия муҳим мебошанд.

Камбудиҳои зикршуда ба моҳияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Ғаюров Л.Ш. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фалсафаи
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ: Ибодов М.О.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992) 985-21-84-46

Имзои профессор Ибодов М.О.-ро
тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ ДДК ба номи
А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумхурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj